ХУЛОСАИ НИҲОИИ
ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 14

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.09.2023, № 14.2.

Барои сазовор донистани Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи “Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя 05 июли соли 2023, суратмаҷлиси № 14.1 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, 17 сентябри соли 1983 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат хатм карда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дар вақти иҷозат додан ба ҳимоя ва чопи автореферат муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Амонова Дилбар Субҳоновна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;
2. **Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисодиёти байналмилалӣ ва иқтисод ва идоракунии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2023, протоколи № 1 муҳокима шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, декани факултети менеҷменти байналмилалӣ ва

маркетинг, номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳимзода М.И., эксперт – мудири кафедраи иқтисодиёти байналмилалӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Азимова М.Т. ва котиби ҷаласа мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Шарифзода Ш.Р. имзо шуда, аз тарафи ректори донишгоҳи зикршуда доктори илмҳои техникӣ, профессор Амонзода И.Т. санаи 30.08.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 16 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзӯи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. Такмили раванди меҳнати кормандони савдои чакана / Шаропов Ф.Р., Мирзоалиев А.А, Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023. - № 2/2 (47). – С. 238-241.

[2-М]. Масоили таъмини кадрии савдои чакана дар шароити муосир / Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - № 2/1 (46). – С. 337-341.

[3-М]. Рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори сармояи инсонӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав/. – Бохтар - 2023. - №1-1 (107). – С. 177 - 182.

[4-М]. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана /Шаропов Ф.Р., Лутфулоев М.Д., Кабутов Қ.М., Амонов С.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе.- 2021. - №1 (35). – С. 112 - 122.

[5-М]. Савдои чакана ва тамоюлҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Кабутов Қ.М./ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2021. - №1 (35). – С. 41 - 46.

[6-М]. Роҳҳои ҳавасмандгардонии такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои савдои чакана /Мараимов Б.М., Кабутов Қ.М./ /Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2020. - №3 (32). – С. 48 - 52.

[7-М]. Мушкилотҳои рушди инноватсионии савдои чакана дар шароити муосир /Ҳамитов М.С., Мараимов Б.М., Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2019. - № 4 (29). – С. 200 - 205.

[8-М]. Хусусиятҳои меҳнат дар савдои чакана / Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2018. - №4-2. – С. 130-134.

[9-М]. Хусусиятҳои идоракунии иқтидори кадрии кормандони корхонаҳои соҳаи савдои чакана / Шаропов Ф.Р., Кабутов Қ.М. // Самтҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисоди “сабз” дар шароити муосир : маводҳои байналмилалии илмию амалӣ (06-07 июни соли 2023) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – 127-131.

[10-М]. Низоми такмилдиҳии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана / А.А. Мирзоалиев, Қ.М. Кабутов// Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (30 марти соли 2023) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – 248-250 с.

[11-М]. Тиҷорати электронӣ: тамоюл ва рушди он / А.А. Мирзоалиев, Қ.М.Кабутов // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” бахшида “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (Солҳои 2020-2040). (27-28 декабри соли 2022) с. 77-81.

[12-М]. Ҷанбаҳои иҷтимоии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои савдо / Кабутов Қ.М. // Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше : Сборник материалов международной научно-практической дистанционной конференции / Под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: ТГУК, 2018. – С. 413-415.

[13-М]. Самтҳои асосии такмилдиҳии низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов К.М. // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики : Сборник материалов международной научно-практической дистанционной конференции / Под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: «Сумани Кудрат», 2017. – С. 79-83.

[14-М]. Низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов Қ.М. // Научно-практическая конференция на тему

«Проблемы человеческого развития Республики Таджикистан в контексте реформирования социально-трудовых отношений», Министерства трудо, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, ноябри 2015, - С.107-111.

[15-М]. Идоракунии меҳнат, сиёсати кадрӣ ва стратегияи рушди онҳо / Кабутов Қ.М. // Тенденции развития экономики и высшего образования в уловиях глобализации : Сборник материалов второй международной научно-практической конференции / Под общ. ред. Шарипова М.М., Раджабова Р.К. Часть II.- Душанбе: «Сумани Кудрат», 2014. – С. 34-38.

[16-М]. Роль кадрового менеджмента в условиях рынка / Мирзоалиев А.А., Кабутов К.М. // Сборник научных трудов профессорско-преподавтельского состава Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе: «Сармад-Компания», 2009. – С. 295-299.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. **Ризоқулов Турақул Рабимқулович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар қисмати назариявии автореферат мазмун, хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалӣ таъминоти кадрӣ дар савдои чакана нокифоя тавзеҳ дода шудааст; 2) Дар автореферат баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

2. **Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1) Дар автореферати диссертатсия (саҳ.16) зикр гардидааст, ки дар асоси пурсишномаи роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва коршиносони соҳа ҳамчунин омилҳои ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таъсиррасон ошкор гардидаанд. Аммо, нуқтаи назари муаллиф дар автореферат муфассал инъикос наёфтааст; 2) Нуқтаи назари муаллиф хеле ҷолиб аст, зеро кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити муосир бояд дорои салоҳиятҳои рақамӣ бошанд. Аммо зери мафҳуми "салоҳиятҳои рақамӣ" матлаб тавзеҳ дода нашудааст.

3. **Сафаров Бахром Гулматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эрод: 1) Дар саҳифаи 13-уми автореферат расми 3 (Савдо ҳамчун соҳаи иқтисодиёти миллӣ, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва шакли меҳнати ҷамъиятӣ) хуб таҳия карда шудааст, аммо муаллиф хусусиятҳои меҳнати кормандони савдоро муфассал баён накардааст.

4. **Расулова Лутфия Нуралиевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бо чунин эродҳо: 1) Дар диссертатсия диққати махсус ба рушди савдои чакана дар шароити зуҳуроти муосир равона шудаааст (саҳ.10), аммо андешаи муаллиф шарҳу тавзеҳ дода нашудааст; 2) Дар автореферати диссертатсия самтҳои асосии баланд бардоштани салоҳияти рақамии кормандони соҳаи савдоли чакана асоснок карда нашудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии таъмини кадрии рушди субъектҳои савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ он муайян гардидааст;

- механизми ташаккул ва рушди кадрҳои савдои чакана дар шароити муосир муқаррар гардида, арзёбии таъсири омилҳо ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таҳия карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявии рушди субъектҳои савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баррасӣ шудаанд;

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи муосири рушди савдои чакана ва таъмини кадрии он гузаронида шудааст;

- самтҳои асосии рушди механизми тайёркунӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳои савдои чакана таҳия ва пешниҳод шудааст;

- механизми ташаккули салоҳиятҳои рақамии кадрҳои савдои чакана ҳамчун омили рақобатпазирии онҳо таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар Раёсати рушди иқтисод ва савдои шаҳри Душанбе ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушди низоми таъминоти кадрии субъектҳои савдои чакана дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- *назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди меҳнат, ҳамчунин ва идоракунии кормандони савдои чакана асос ёфтааст**;**

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конфронсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷменти савдо ва хӯроки омма», «Идоракунии кормандон» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2015-2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 сентябри соли 2023 қарори сазовор донистан Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест нафар, бюллетени беэътибор – нест.

Муовини раиси шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент Толибов Қ.Қ.

**Санаи барасмиятдароии хулоса - 18.09.2023**